«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни», доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло
______________
«25» ____09____ 2025

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МТД "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" ба диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ба масъалаи мубрами илми педагогикаи муосир бахшида шудааст. Мавзӯи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим яке аз масъалаҳои калидии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки бе истифодаи шароитҳои педагогӣ ва талабот ба салоҳиятнокии муаллимм оид ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим қонеъ карда намешавад. Бинобар ин, мавзуъ дорои аҳамияти илмӣ- назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

Дар рисола самтҳои салоҳиятнокии касбии оид ба ҳавасманд кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар замони муосир ба фаъолияти маърифатӣ, рушди тафаккури интиқоди онҳо барои ба ҳадаф расидан дар ҷомеаи иттилоотию коммуникатсионӣ ниҳоят душвор аст. Рушди тафаккур таъсироти мутаҳаррики (динамикӣ) равандҳои когнитивӣ, мисли тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва эҷодкориро пешбинӣ менамояд. мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф шароитҳои педагогӣ ва равонию дидактикии усулҳои интерактивиро возеҳ шарҳ додааст. Таҳқиқоти мазкур ҷиҳати баҳогузории таъсири мундариҷаю сохтори рушди

фаъолияти маърифатӣ ва тафаккури интиқодии таълимгирадагон, инчунин салоҳиятҳои педагогии омӯзгонро дар ҷорисозии методҳои инноватсионии таълим бо мақсади рушди тафаккури интиқодӣ ва баландбардории сатҳи ҷалбкунии таълимгирандагон ба натиҷаҳои таълими онҳо дар раванди таълиму тарбия анҷом дода шуд. Ҳамзамон шароит ва омилҳое нишон дода шудаанд, ки ба самаранокии шароитҳои рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Мӯҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ буда, ба банди 1 Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ); банди 6 Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); банди 7 Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат дорад.

Мавзуи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим, яке аз самтҳои калидии педагогикаи муосир маҳсуб мешавад. Тадқиқот аз дидгоҳҳои илмӣ- назариявӣ ва методӣ асоснок шуда, ба мақсад ва вазифаҳои соҳаи илмҳои педагогика ва психология ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, кор дорои мувофиқати пурра бо соҳаи эълоншуда мебошад. Дар рисола масъалаҳои назариявии таълим, технология ва усулҳои интерактивӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, рушди сатҳи сифатии таълиму омӯзиш, сайқалдиҳии салоҳиятнокии омӯзгорон, такмили воситаҳои дидактикӣ, шароити педагогии муҳим равона шуда, ба рушди интизории тафаккури ба интиқодӣ мувофиқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намуда асосҳои педагогии салоҳиятнокии муаллимон таҳқиқ шудаанд. Ин масъалаҳо мустақиман ба педагогика ва психология алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, муҳтаво ба соҳаи илмии эълоншуда комилан мутобиқ аст.

**Мубрамии мавзуи диссертатсионӣ**. Дар даврони муосир, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ҳалли вазифаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ меистанд, масъулияти муассисаҳои таълимӣ дар таълиму тарбияи насли наврас меафзояд. Стратегияи таълиму тарбия дар шароити сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас инъикос ёфтааст. Тибқи талаботи Қонуни дахлдор соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин чунин маъно дорад, ки Ҳукумат вазифадора аст, ки барои соҳаи маориф захираҳо ҷудо карда, сиёсати давлатиро ҷиҳати дастгирию беҳтарсозии низоми таҳсилот роҳандозӣ намояд. Таҳсилот қисми муҳимми низоми таъминоти иҷтимоист, ки ба некуаҳволии фард ва пешрафти ҷомеа дар асоси дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад.

Рушди нокифоияи тафаккур, алалхусус, тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, метавонад қобилияти онҳоро барои қабули қарорҳои асоснок, самаранок баҳо додани иттилоот ва эҷодкорона ҳал кардани муаммоҳо маҳдуд намояд. Хонандагоне, ки тафаккури интиқодиашон суст инкишоф ёфтааст, барои боварикунӣ ба ҳама гуна иттилоот, бидуни таҳлили он майл доранд, ки боиси иштибоҳи дар ақидаҳо ва хулосаҳои нодуруст мегардад. Агар тафаккури интиқодӣ аз як тараф, қобилияти баҳогузории объективӣ ба мулоҳизаронии худ ва андешаҳои одамони дигар, таҳлил кардани тамоми пешниҳоду хулосаҳо бошад, аз тарафи дигар, он омӯзиш, таҳлилест, ки ба инсон ҷиҳати муайян кардани афзалиятҳои худ дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ кумак мекунад, омилест, ки сатҳи маърифатӣ-фардии фаъолият бо иттилоотро баланд мебардорад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ.** Имрӯз таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фазои таҳсилоти муосир ба раванди омӯзиш ва банақшагирии тарзу усулу технологияҳои муосир ва василаҳои рушди фаъолияти маърифатӣ, тафаккури интиқодии хонандагон аҳаммияти махсус зоҳир менамояд. Хусусан, солҳои охир олимону маорифпарварони намоёни хориҷиву ватанӣ дар ин самт фаъолият менамоянд. Дар таҳқиқотҳои онҳо вобаста ба масъалаи шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ кам ба назар мерасад. Дар Тоҷикистон тадқиқотҳо бештар ба самтҳои

истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, такмилдиҳии малакаҳои касбӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ равона гардидаанд. Бо вуҷуди ин, тадқиқоти мукаммал оид ба истифодаи шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ то ҳол пурра анҷом дода нашудааст.

Дар адабиёти илмии хориҷӣ низ масъалаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба истифодаи усулҳои интерактивӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. Муаллифон самаранокии технологияҳои таълимии навро дар рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои муошират ва ташаккули масъулияти иҷтимоии хонандагонро нишон додаанд. Аз ҷумла, истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳамчун воситаи такмил додани тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ қайд карда мешавад. Ин тадқиқотҳо барои таҳқиқоти ватанӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти илмии ватанӣ ҷанбаҳои назариявию амалӣ то ҳадде омӯхта шудаанд, вале онҳо паҳлуҳои ҷудогонаи масъала, аз ҷумла самаранокии усулҳои таълимии навро дар ташаккули тафаккури хонандагон фаро гирифтаанд. Амсилаи мукаммал ва низоми умумии технологияҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим то ҳол таҳия нашудааст. Ин холигӣ зарурати таҳқиқоти навро тақозо мекунад. Аз ҳамин сабаб, мавзуи диссертатсионӣ дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот**. Барои инкишофи системавӣ ва истифодаи технологияҳои самаранок оид ба ҷорисозии шароити педагогии тафкκури интиқодии хонандагон мактаби ибтидоӣ муносибати бисёрҷанба зарур аст, ки асосҳои устувори назариявию методологӣ, стратегияи амалӣ ва шароити педагогиро дарбар гирифтааст, ки ин мақсади кори диссертатсиониро ифода менамояд.

**Объекти таҳқиқот**: шароитҳои педагогӣ ва таъсири онҳо ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим.

**Мавзуи таҳқиқот:** шароитҳои педагогие, ки ба рушди ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллифи кор дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот:** бо муайян карда мешавад, ки унвонҷӯ, пеш аз ҳама аз ҷиҳати илмӣ- назариявӣ ва амалияи педагогӣ ба таври таҷрибавӣ рушди

тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро асоснок намуда, барои хонандагони синфҳои ибтидой шароитҳои педагогиро дар раавнди таълим коркард намуда, истифодаи самараноки онро дар қолаб ва қоидаву меъёрҳои кори диссертатсионӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазифаву мақсадҳои илмии пешгузоштааш амалӣ намудааст.

Илова бар ин, саҳми муаллифи диссертатсия дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ: асоснoккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, коркарди натиҷаҳо, шарҳу эзоҳ, омӯзиш ва таҳлили андешаҳои фалсафӣ, педагогӣ ва иҷтимоии олимони хориҷииву ватанӣ, ҷамъбасти хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, инчунин дар баргузор намудани суҳбатҳо, анкетагирӣ, мубоҳиса,ташкили семинару машваратҳо таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ ва таълифи диссертатсия ифода мeёбад, ки инъикоскунандаи маҳорати илмии унвонҷӯ ва дорои сифатҳои таҳқиқотчигии ӯро собит месозад.

**Сохтори диссертатсия.** Мантиқи ҳалли пайдарпаи вазифаҳои он таъйин кард. Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна аз муқадима, ду боб, шаш зерфасл, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифа ва автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) тибқи талаботи "Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо" ва банди 54-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб даровaрда шудааст. Дар диссертатсия 18 ҷадвал, 13 расм, 5 диаграмма ва 4 амсилаҳо оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири 201 номгӯй мебошад.Ҳар як бахши диссертатсия бо мазмун ва мантиқии таҳқиқот мувофиқ буда, натиҷаҳои илмӣ ба таври муайян ва муътамад асоснок гардидаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани масъала, ҳадаф, объект ва предмети таҳқиқот муқаррар шудааст. Ҳамчунин вазифаҳо, методҳо, соҳаи татбиқ, марҳалаҳо ва пойгоҳи иттилоотию озмоишӣ муайян гардида, боэътимодии натиҷаҳо, навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ асоснок шудаанд. Дар баробари ин, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои илмӣ-методӣ баён гардидаанд.

Мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар илми педагогикаи муосир муҳим ва актуалӣ маҳсуб меёбад. Зеро дар раванди таълим ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, рушди тафаккур таъсироти мутаҳаррики (динамикӣ) равандҳои когнитивӣ, мисли тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва эҷодкориро пешбинӣ менамояд. Қайд карда шудааст, ки технологияи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки фаъолият дар раванди дарс ҷолибтар ва муфидтар гардад. Ба хонандагон хулосаҳои тайёр дода намешавад, ки онҳоро аз худ кунанд, балки маҳорати мустақилона кор кардан бо манбаъҳои иттилоотӣ омӯзонида шуда, барои азхудкунии дониш мусоидат карда мешавад.

Дар воқеъ, дар замони муосир, ки ба истилоҳ бархӯрди тамаддунҳо ва суръати баланди техникаву технологияҳои муосир, аз ҷумла густариши рӯзафзуни интернет рӯй медиҳанд, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рушди қобилияти зеҳниву тафаккури интиқодии насли наврас беш аз пеш ниёз дорад. Имрӯз таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фазои таҳсилоти муосир ба раванди омӯзиш ва банақшагирии тарзу усулу технологияҳои муосир ва василаҳои рушди фаъолияти маърифатӣ, тафаккури хонандагон аҳаммияти махсус зоҳир менамояд. Хусусан, солҳои охир олимону маорифпарварони намоён дар ин самт фаъолият менамоянд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон»,** моҳият ва мундариҷаи масъалаҳои методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон таҳлилу муҳокима карда шудааст. Яке аз хусусияти муҳимми талабот ба маърифатнокӣ ба даст овардани донишҳои нав дар раванди таълим мебошад. Тафаккури интиқодӣ роҳи табиии мутақобила бо ғояҳо, иттилоот, муносибати оқилона ва мутавозин барои қабули қарорҳои душворро дар бар мегирад. Асосҳои методологии тафаккури интиқодӣ стратегияҳои фаъолонаи таълим, мисли баҳсҳо, таҳқиқоти мавзӯӣ ва таълими лоиҳавиро дарбар мегиранд, ки ба саволдиҳӣ, таҳлил ва синтези иттилоот ҳавасманд мегардонанд. Назарияи тафаккури интиқодӣ моҳиятан аз гузориши масъалаҳо дар бораи имконияти алтернативӣ ҷиҳати ноилшавии боэътимод ба ягон мақсад, рушди муносибатҳо ва омодагӣ тафаккури интиқодӣ иборат аст.

Фасли якуми боб “Аҳаммияти илмӣ ва назариявии фаъолияти маърифатӣ дар тафаккури интиқодии хонандагон” ба нуктаи назар ва ақидаҳои файласуфон, педагогҳо ва равоншиносон такя намуда, мазмуни асосии мафҳумҳои “интиқодӣ” ва “креативӣ” (эҷодиро) - ро Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ошкор менамояд. Рушди фаъолияти маърифатӣ яке аз вазифаҳои пешбари таҷдиди Қонуни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мебошад, ки дар Стандарти давлатии таҳсилот инъикос ёфтааст. Стандарт талаботро нисбат ба натиҷаҳои таҳсилоти шахсӣ, аз ҷумла омодагӣ ва қобилияти хонандагон ба рушди худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсӣ, ташаккули ҳавасмандии онҳо ба омӯзиш ва фаъолияти мақсадноки маърифатӣ муқаррар мекунад. Хусусиятҳои муқоисавии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, исбот кардааст, ки тафаккури интиқодӣ дар интихоби манбаъҳое, ки мо ҳангоми омӯзиш ба онҳо такя мекунем, кумак мекунад, дидани робитаҳои сабабу натиҷа, ҷамъбаст ва сохтори иттилоот, баҳси мавқеи худ ва дидани заъфҳои мавқеи дигаронро таълим медиҳад.

Дар фасли дувуми ин боб “Методологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ ва мавқеи он дар рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” мулоҳизаронии таҳлилӣ бо такя ба мушоҳидаҳо баён гардидааст. Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна муайян намудаст, ки миқдори омӯзгороне зиёд аст, ки ба технологияи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар маҷрои фаъолият оид ба таълиму маърифатҷӯӣ сатҳи зарурии таваҷҷуҳро зоҳир намекунанд. Зимнан таъкид шуд, ки инкишофи малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ на танҳо дар мактаб, балки дар ҳаёти ҳаррӯза заруранд. Моҳияти технологияи тафаккури интиқодӣ дар зарбулмасали хитоӣ хеле дуруст ифода шудааст: «Ба ман бигӯ – ман фаромӯш мекунам, ба ман нишон деҳ – дар хотир нигоҳ медорам, диққатамро ҷалб кун – мефаҳмам».

Ғояҳои технологияи рушди тафаккури интиқодӣ аз он иборатанд, ки кӯдакон табиатан кунҷков буда, ҷаҳонро омӯхтан мехоҳанд, онҳо метавонанд масъалаҳои ҷиддиро бояд баррасӣ кунад ва андешаҳои аслии худро пеш барад. Унвонҷӯ дар чунин ақида аст, ки салоҳияти касбии муаллим аз он иборат аст, ки кумакрасони боандеша бошад, хонандагонро ба омӯзиши муттасил ҳавасманд кунад ва ба онҳо дар рушди малакаҳои тафаккури самараноки интиқодӣ ёрӣ расонад.

Дар зербоби сеюм «Мундаричa ва хусусиятҳои сатҳи ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди таълим» чунин қайд шудааст, ки шахсе, ки дар ӯ тафаккури интиқодӣ хуб инкишоф ёфтааст, саволҳо ва мушкилоти душворро ба миён мегузорад, онҳоро равшан, дақиқ таҳия мекунад, иттилооти дахлдорро ҷамъоварию қабул мекунад, бо истифода аз ғояҳои абстрактӣ барои тафсири самаранокии онҳо, ба хулосаю қарорҳои асоснок омада, онҳоро мувофиқи меъёру стандартҳо тафтиш мекунад, хонандагони хурдсолро мавриди тадқиқ қарор додааст. Унвонҷӯ дар идома ду қисми сохторсози тафаккури интиқодӣ таъкид мекунад: а) машқдидагӣ дар ҳосилкунию коркарди иттилоот, ба ғайр аз ин, шаклгии тарҳи ақидаҳо; б) малакаи хусусияташ зеҳнӣ, ки тарҳи кӯшишеро гирифтааст, ки воситаи танзимкунии соҳаи рафторӣ шуда метавонад.

Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар боби дуввуми кори диссертатсионӣ **“Технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим”** ном дошта, дар меҳвари ин боб шароиту омилҳои педагогии фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ манзур намуда, ҳамчунин амсилаи фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба рушди тафаккури интиқодии хонандагон дар омӯзиши фанни забони модари синфҳои ибтидоӣ коркард ва пешниҳод кардааст.

Дар зербоби якуми боби дуввум унвонҷӯ дар заминаи мушахасси таҳқиқӣ истифодаву корбурди шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои таълимӣ дар ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар фаъолияти омӯзгорон ба роҳ монда, иддао дорад, ки рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳз аз синфҳои ибтидоӣ оғоз гардида, баъдан дар тӯли таҳсили минбаъда ва ҳаёту фаъолияташон идома мeёбад. Рушди шароити психологию педагогӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ дар шаклҳои интерактивии таълим (инфиродӣ, гурӯҳӣ, иттилоотӣ) сурат гирифта, муносибати ба шахсият нигаронидашударо, ки ба эҳтиёҷоти маърифатии хонандагон дар муассисаи таълимӣ равона гардидаанд, фазои бехатарии равонӣ, ҳамкории созанда байни субъектҳои таълим, дастгирии захираҳои шахсӣ баҳри рушди тафаккури интиқодӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди худшиносии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, барои таълим, тарбия ва инкишофи тафаккури интиқодии хонандагон таснифоти

шартҳои педагогиро риоя кардан лозим аст, ки аз инҳо иборатанд: ташкилию педагогӣ, психологию педагогӣ ва дидактикӣ. Ҳамчунин таъкид менамояд, ки ин шароитҳои педагогӣ яке аз вазифаҳо ва ҳадафи педагогика дар ташаккули шахсият ба шумор меравад.

Сохтори технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодӣ тавассути хондан ва навиштан мувофиқати мантиқӣ дорад, зеро марҳилаҳои он ба фаъолияти маърифатии шахс мувофиқат мекунанд.

- марҳилаи озмоишӣ (ташхиси дониши худ оид ба мавзуи додашуда; бедор кардани таваҷҷуҳ ба гирифтани маълумоти нав; гузоштани ҳадафҳои омӯзиши шахсӣ);
- марҳилаи дарккунӣ (низом даровардани иттилоот ва ташкили раванди рушди тафаккури интиқодӣ, инчунин тасҳеҳ кардани мақсадҳои таълимӣ);
- марҳилаи рефлексия (инъикос, таҷдиди сохтори ақидаҳои ибтидоӣ ва ташаккули донишҳои нав; гузоштани мақсадҳои нави таълимӣ).

Унвонҷӯ дар чунин ақида аст, ки бомақсад истифода бурдани шароитҳои педагогӣ ва технологияҳои муосири раванди таълим имкон медиҳад, ки раванди рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муташаккилона ва пурмазмун гардад.Ғайр аз он, истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро қисмати ҷудонашавандаи раванди умумии таълим баён намудааст.

Дар зерфасли дуввум, Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна амсилаи фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба имкониятҳо ва роҳҳои рушди тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ мавриди тадқиқ қарор дода, таъкид менамояд, ки муносибати комплексии инкишофи тафаккури интиқодии хонандагонро таъмин мекунад. Самаранокии раванди таълими босифат, аз ҷумла, аз баланд бардоштани салоҳияти хонандагон, истифодаи технологияҳои нави педагогӣ сарчашма мегирад ва имрӯз аксари омӯзгорон барои таъмини рушди қобилиятҳои зеҳнӣ аз меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла истифода мебаранд, ки ҳавасмандии хонандагонро афзун мекунад.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ метавон гуфт, ки амсила (модел)-и рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси забони модарӣ, ки унвонҷӯ дар доираи таҳқиқот таҳия ва санҷидааст, ҳамчун маводи дидактикии дар раванди таълим

истифодашаванда барои баланд шудани сатҳи инкишофи тафаккури интиқодии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар фасли севуми ин боб унвонҷӯ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ масъалаи “Таҳлили натиҷаҳои корҳои таълимӣ ва таҷрибавӣ оид ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ”-ро ба роҳ монад ва натиҷаҳои ин тадқиқотро арзёбӣ намояд. Маврид ба зикр аст, ки тафаккури интиқодӣ маҳорати алоҳида набуда, маҷмуи маҳорату малакаҳои зиёдест, ки тадриҷан, дар рафти инкишоф ва таҳсили хонанда ташаккул меёбад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тарбияи насли наврас бе шак мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои пажӯҳишоти диссертатсионӣ дар 25 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии ФР ба нашррасида ва 19-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Аз лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амали нуктаҳои илмӣ, методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқии фикронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудӣ ва норасоиҳои таҳқиқот**.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррасӣ илмиву амалӣ, ки дар рисола ба мушоҳида мерасад, диссертатсия аз норасоиҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мусоидат хоҳад намуд.

1. Истиллоҳои русӣ ва байналмилалӣ ба муродифҳои тоҷикии он иваз карда шавад.

2. Таҳқиқотҳои олимони ватанӣ оид ин масъала бештар инъикос карда шаванд.
3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, ки таҳрируислоҳи онҳо самарабахшии рисоларо меафзуд.

Бояд зикр кард, ки эроду пешниҳодҳои зикргардида арзиши баланди илмии таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунад.

Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ муҳтавои диссертатсияи мазкурро инъикос намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна кори тахассусии илмӣ – тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва мутобиқи талабот дар сатҳи зарурии илмӣ омода карда шудааст.
2. Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи **“Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, кори анҷомёфтаи илмӣ буда, диссертатсия, автореферат ва мақолоти чоп намудаи ӯ ба қоида, меъёр ва талаботи “Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдардории диссертатсияҳо ва авторефератҳо”, Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 13 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ аз 24-уми сентябри соли 2025, №1/6).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.А.

24.09. 2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.